# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-43 назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Аҳмадзода Муҳаммадали Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешниҳод шудааст

1. Ҷиноятқорӣ дар замони муосир доимо дар ҳоли зиёдшавӣ буда, дар шаклҳои ҳар чӣ бештар муташаккилии он зоҳир меёбад ва имкон намедиҳад, ки вазъияти криминогении мураккаби тайи солҳои охир бавуҷудомада беҳтар карда шавад. Сатҳи ҷиноятқорӣ, тағйирёбии тавсифи сифатии он, фаъолшавӣ ва такмилёбии усулҳои муқовимат ба ҷараёни ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо, ҳанӯз ҳам дар мамлакат ба чораҳои таъсиррасонии иҷтимоӣ ва ҳуқуқии нисбати он аз тарафи давлат дар маҷмуъ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус амалишаванда фаъолона муқобилият карда истодааст.

Яке аз сабабҳои асосӣ ва умумии вазъияти бамиёномадаи мубориза бо ҷиноятқорӣ, на танҳо сатҳи касбияти тафтишот, дуруст ба роҳ мондани ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо ҷиноятқорӣ ва сифати ҳамкории мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии ғайриқаноатбахш, балки инчунин, сатҳи нокифояи таъмини кормандони тафтишу таҳқиқот бо тавсияҳои тактикии илман коркарду таҳияшуда доир ба ҳалли самараноки вазифаҳои мухталифи муосири тафтишот мебошад.

Яке аз чунин вазифаҳои муҳим – аз тарафи муфаттишон муқаррар намудани гунаҳкорӣ ё бегуноҳии гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон дар ҷараёни санҷиши далелҳое, ки нишондоди онҳоро фаро мегирад ва дар асоси истифодаи объективӣ ва аз лиҳози тактикӣ моҳиронаи далелҳои ҷамъоваришуда, махсусан, дар ҳолате ки ба чунин санҷиш аз тарафи шахсони зикршуда бо роҳи эътироф накардани далелҳои ҷамъоваришуда, додани нишондоди бардурӯғ, истинод ба далелҳои бардурӯғ, пешниҳоди далелҳои (фактҳои) сохташуда ва ғайра муқовимат нишон дода мешавад, ба ҳисоб меравад. Тавре таҷрибаи тафтишӣ нишон медиҳад, дар чунин вазъият ба муфаттишон на ҳама вақт муяссар мешавад, ки чунин муқовиматро бартараф созанд ва баъзан, ҳатто ба хатоҳои тактикӣ ва вайронкунии талаботи қонун роҳ дода мешавад, ки дар ниҳоят боиси ғайриимкон гардидани ошкорсозии ҷиноятҳо мегардад.

Вазифаи муҳимми тафтиши ҷиноятҳо ҷамъоварӣ ва санҷиши далелҳо дар доираи пешбурди амалҳои тафтишии пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мебошад. Дар робита ба ин, мубрамияти махсусро масъалаи зарурати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мукаммалсозии асосҳои тактикӣ ва методии тафтишот касб менамояд. Беҳтар намудани тактикаи

амалҳои алоҳидаи тафтишӣ ба рафти тафтишот, алалхусус, ба дастрас намудани ҳаҷми бештари маълумоти исботнамоӣ (далелҳо) таъсири мусбат расонида метавонад.

Тарзи нави ҷамъоварӣ ва санҷиши далелҳо, ки дар охири солҳои 50-уми асри XX ба миён омад ва санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ном гирифт, ҳанӯз дар меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва илми криминалистика танзими дақиқ ва пурраро пайдо накардааст.

Бо вуҷуди ин, тарзи зикршудаи ҷамъоварӣ ва санҷиши далелҳо дар таҷрибаи тафтишӣ васеъ паҳн шудааст ва ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои одамкушӣ, таҷовуз ба номус, дуздӣ, роҳзанӣ ва дигар ҷиноятҳо ба таври самаранок истифода бурда мешавад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01 апрели соли 2022, № 95 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода М.С., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Аҳмадзода М.С., маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд намебошад.

Банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-43 назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Астанов Истам Рустамович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори кафедраи криминалистика ва экспертизаҳои судии Академияи ҳифзи хуқуқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

–Самиев Назар Мурадович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Искандаров З.Ҳ.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Муҳамадиев И.С.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
сардори кафедраи амнияти
иттилоотӣ ва технологияи итилоотии
факультети №5 Академияи ВКД ҶТ
полковники милитсия — Орипов А.Л.

27.03.2024.